# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «31» 01 соли 2025 № 21/09 ш. Душанбе**

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани парвандаи аттестатсионӣ оид ба дарёфти унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 6 моддаи 16 ва сархати 7 қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва хуқуқӣ”, сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Абдуллозода Одилҷон Пардаалӣ парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Биологияи умумӣ” аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархостномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон рад карда шавад.
2. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Шомуродова З.М.) вазифадор карда шавад, ки дар мухлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Абдуллозода О.П.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ